«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»

Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории

Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ,

доктори илми таърих, профессор

________ Ибодуллозода А.И.

«15» декабри соли 2023

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар - Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ба диссертатсияи номзадии Зулфониён Раҳим Раҷабзода дар мавзуи “Таҳқиқи луғавию маъноӣ ва сохтории номвожаҳои ҷуғрофии минтақаи Панҷакент”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Замони муосир барои мардуми бо дастовардҳои назаррас ва бахусус, мақому мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ, ҳамзамон, ба сифати забони давлатӣ мақом пайдо кардани забони тоҷикӣ барои илми забоншиносии муосири тоҷик ва самтҳои нави таҳқиқу омӯзишро боз намудааст. Дар ин росто, масъалаи номшиносӣ аз риштаҳои басо муҳим, ҷолиб ва таҳқиқталаби илмӣ ба ҳисоб меравад.

Дар иртибот ба ин таҳқиқи номвожаҳои ҷуғрофӣ ҳамчун далели ташаккули ҳар халқу миллат ва мавҷудияти забон, расму ойин, касбу кор, таҳаввулот ва ё ташаккулёбии фарҳанги ин ё он мардум дорои аҳаммияти илмию назариявии хоса маҳсуб меёбанд. Аз ин лиҳоз, диссертатсияи Зулфониён Раҳим Раҷабзода дар мавзуи “Таҳқиқи луғавию маъноӣ ва сохтории номвожаҳои ҷуғрофии минтақаи Панҷакент” дорои аҳаммияти вижаи амалӣ ба шумор меравад. Дар баробари ин, таҳқиқу омӯзиши томонимикаи муосири тоҷик ҳамчун барқароркунандаи таърих, робитаи кишварҳо, муносибати забонӣ, миллӣ, ҳаводиси забон ва ғайраҳо дорои арзиши махсус мебошад.

Дар диссертатсия таҳқиқу пажуҳишии ҷойномҳои минтақаи Панҷакент, ҳадафи асосии илмӣ қарор гирифта, вазифаҳои муҳим, аз қабили нишон додани таснифоти луғавию маъноии номвожаҳои минтақаи Панҷакент, баррасии ойконимҳо, оронимҳо, гидронимҳо, антротопонимҳо, теонимҳо, зоотопонимҳо, фитонимҳо, некронимҳо, нишон додани гурӯҳҳои мавзуии номвожаҳои ифодакунандаи хусусияти орзую омол ва хусусияти ғояҳои замони нав (метонимҳо), номвожаҳои ифодакунандаи хусусияти рангу аломат ва этнотопнимҳо, баррасии этимологии номвожаҳо, таҳлилу таҳқиқи сохтори топонимҳои минтақаи мавриди назар ба иҷро расидаанд. Диссертатсияи Зулфониён Раҳим Раҷабзода кори анҷомёфта буда, ба масъалаи ҷойномҳои минтақаи Панҷакент (ҷанбаи луғавию маъноӣ ва сохоторӣ) ихтисос ёфтааст ва муҳтавои он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология бо шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01. – Забони тоҷикӣ комилан мувофиқат мекунад.

Навгонии илмии диссертатсия дар он аст, ки бори аввал ҷойномҳои минтақаи Панҷакент дар забоншиносии тоҷик ба таври системавӣ баррасӣ гардида, барои бештар муайянкунии боэътимоди хронология ва пайдоиши воҳидҳои топонимии ин минтақа имконият фароҳам меоварад.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот аз он иборат аст, ки дар он қонуниятҳои асосии луғавию маъноӣ ва сохтории ҷойномҳо бо хусусиятҳояшон муқаррар карда шуда, он дар забоншиносии тоҷик барои таҳқиқоти куллии системаи топонимикии Тоҷикистон имконпазир аст.

Аҳаммияти амалии диссертатсия дар он дида мешавад, ки натиҷаҳои таҳқиқоти мазкурро доир ба масъалаҳои умумии томонимия ва навиштани фаслҳои алоҳидаи грамматикаи забони тоҷикӣ, дар амалияи фарҳангнигорӣ, дар таълифи фарҳангҳои топонимӣ, таърихӣ ва решашиносӣ истифода бурдан мумкин аст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионии Зулфониён Раҳим Раҷабзода, маҳз, ба масъалаи таҳқиқи

луғавию маъноӣ ва решашиносии номвожаҳои ҷуғрофии минтақи Панҷакент бори нахуст дар шакли диссертатсияи номзадӣ ба таври системанок мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Мубрамии мавзуъ дар он зоҳир мегардад, ки омӯзиши топонимикаи муосири тоҷик дар равияи нав дар забоншиносии тоҷик ба шумор меравад. Гузашта аз ин, то ба имрӯз сарфи назар аз дастовардҳои зиёди илмӣ масъалаҳои самти мазкур ба таври мукаммал таҳқиқ нагардидаанд ва диссертант кӯшиш намудааст, ки хусусияти объектҳои ҷуғрофӣ ва аҳаммияти бузурги ҷойгиршавии онҳоро ҷиҳати муайян намудани интисоби халқҳо ба ин ё он миллат, забону фарҳанг, анъанаҳои миллии онҳоро аз сарчашмаҳо аниқ намояд ва дар омӯзишу таҳқиқи номвожаҳои ҷуғрофӣ то ҳадде саҳмгузор бошад.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқ, се боб, бо фарогирии бист фаслу зерфасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои диссертатсия ва феҳристи адабиёт иборат буда, дар маҷмуъ, 177 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад.

**Муҳтаво асосии диссертатсия.** Дар муқаддима аҳаммият ва навоварии илмии таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши мавзуъ муқаррар ва мақсаду вазифаҳои таҳқиқот муайян гардида, муқаррароти асосии барои дифоъ пешниҳодшуда тартиб дода шуда, усулҳои таҳқиқоти истифодашуда ва манобее, ки аз онҳо маводди воқеӣ гирифта шудааст, нишон дода таҳлилу баррасӣ шудаанд.

Боби якуми диссертатсия “Таҳқиқи луғавию маъноии топонимҳои минтақаи Панҷакент” унвон дошта, фарогири 14 фасл буда, дар бахши аввали боб масъалаҳои назариявии топонимика таҳлилу баррасӣ гардидааст.

Диссертант дар такя ба таърих ва сарчашмаҳои соҳа маводди топонимии минтақаи Панҷакенро дар иртибот бо релефи ҷуғрофӣ ва хусусиятҳои табиии он “Ойконимҳои минтақа”, “Оронимҳои минтақа”,

“Гидронимҳои (ва лимнонимҳои)-и минтақа”, “Антротопонимҳои минтақа”, “Теонимҳои минтақа”, “Зоотопонимҳои минтақа”, “Фитонимҳои минтақа”, “Некронимҳои минтақа”, инчунин, ба гурӯҳҳои мавзуии номвожаҳои ҷуғрофии ифодакунандаи хусусиятҳои омофонӣ, орзуву омол, ғояҳои замони нав (метонимҳо), рангу аломат гурӯҳбандӣ намуда, зимни истифодаи усули муқоиса таркибу ташаккули номвожаҳоро таҳлилу баррасӣ намудааст.

Воқеан, таркиби луғавии ҳар забон хусусиятҳои махсуси миллӣ дорад, ки сохти грамматикии ин ё он забонро нишон медиҳад. Дар боби мазкур муаллифи рисола нуктаҳои арзишманду ҷолиб оид ба шарҳу маънидони номвожаҳои ҷуғрофии Панҷекат//Панҷакент, Майката, Пишкат, Варзиканда, Шашқат,Урдакон, Харката, Искандар, Ғазнич, Артуч, Роғич, Уреҷ баён намуда, дар ҷойи дигар ба таҳлилу омӯзиши микротопонимҳо бо ҷузъи “-ғар” таваҷҷуҳи хоса зоҳир намудааст. Ҳамчунин, дар фаслҳои алоҳидаи боби мазкур истифодаи пасвандҳои тоҷикии “-зор, -истон, -он, -ӣ, -гар+он,-и+ён+а, -ак, -гаҳ,-ок, -ча,-а,-о” дар таркиби номвожаҳои ҷуғрофии минтақаи таҳқиқшаванда мавриди таҳқиқ қарор грифтаанд.

Боби дуюми диссертатсия – “Таҳлили решашиносии номвожаҳои ҷуғрофии минтақаи Панҷакент” ном дошта, аз ду фасл иборат мебошад.

Дар фасли якум-“Дараҷаи омӯзиши микротопонимҳои минтақаи Панҷакент” муаллиф доир ба таълифоти илмии муҳаққиқони дохилию хориҷиро таҳлилу баррасӣ намудааст.

Фасли дуюми боби мазкур, ки “Таҳлили решашиносии номвожаҳои ҷуғрофии минтақаи Панҷакент” номгузорӣ шудааст, ба таҳқиқи решашиносии чанд топоним, аз қабили Панҷекат (ё Панҷакент), Саразм, Ғарибак, Ғӯсар, Зимтуд ва Киштуд дар муқоиса ба сарчашмаҳои илмию таърихӣ ва забоншиносӣ маълумоти муфассал оварда шудааст.

Дар боби сеюм-“Таҳлили сохтории номвожаҳои ҷуғрофии минтақаи Панҷакент” доир ба масоили омӯзиши сохтори номвожаҳои минтақаи

мавриди назар, таҳлилу баррасии сохтории топонимҳои эрониасос, таҳлили сохтории топонимҳои иқтибосӣ ва омехта ва топонимҳои гунаи pluralia tantum маълумоти мукаммал оварда шудааст. Дар ин қисмати кор андешаҳои муҳаққиқ доир ба анҷомаҳои номвожаҳои ҷуғрофисоз бо овардани мисолҳои саҳеҳу бамаврид ҷолиби диққат аст.

Дар қисмати хулосаи диссертатсия мазмуну муҳтавои он ба тариқи фишурда дар бандҳои ҷудогона натиҷагирӣ карда шуда, вобаста ба ҳар як масъалаи мубрами таҳқиқ назари мушаххаси муҳаққиқ оварда шудааст ва ҳар бобу фасли таҳқиқоти диссертатсионӣ бо хулосаҳои амиқу мушаххаси илмӣ дар 23 банд ҷамъбаст гардида, масъалаҳои матраҳшуда аз нуқтаи назари илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Дар анҷоми диссертатсия феҳристи адабиёт, номгӯйи сарчашмаҳои илмӣ ва манбаъҳои истифодашуда оварда шуда ва рӯйхати адабиёт дар асоси меъёрҳо ва талаботҳои ҷорӣ мураттаб гардидааст.

Муҳаққиқ аз методҳои маълум ва мустаъмали илми забоншиносӣ самаранок истифода бурда, асарҳои назарии муҳаққиқони маъруфро ба таври бояду шояд омӯхтааст ва дар мавридҳои муайян ба онҳоо нуктасанҷона такя кардааст. Феҳристи адабиёт 302 номгӯйи манобеъро фаро гирифтааст. Хулосабарориҳо ва натиҷагириҳои илмӣ дар диссертатсия бо андеша ва маълумоти боэътимод асоснок шудааст.

**Эродҳо ба диссертатсия.** Дар баробари натиҷаҳои арзишманд ва дастовардҳои назаррас дар таҳқиқоти диссертатсионӣ, баъзан, камбудию норасоиҳо ба назар мерасанд. Ба назари мо, ба эътибор гирифтани онҳо барои боз ҳам боло бурдани сифати илмию назарии диссертатсия аз манфиат холӣ нахоҳад буд:

1. Муҳтавои навгонии илмии диссертатсия ноқис буда, баъзан, бо мубрамии мавзуъ омехта шудааст (саҳ. 6).

2. Риояи таносуби фаслҳо дар бобҳои ҷудогона ҳам аз нигоҳи мазмуну мундариҷа ва ҳам нигоҳи фарогирии маводди дахлдор номутаносиб

омадааст. Аз ҷумла, боби дуюм -“Таҳлили решашиносии номвожаҳои ҷуғрофии минтақаи Панҷакент” унвон дошта, дар он дараҷаи омӯзиши микротопонимҳои минтақаи мавриди назар ҳамагӣ дар ҳаҷми 9 саҳифа дар фасли аввал ва таҳлили решашиносии номвожаҳои ҷуғрофии минтақаи таҳқиқшаванда дар фасли дуюм дар ҳаҷми 41 саҳифа оварда шудааст.

3. Хуб мебуд, ки дар баробари такя ба муҳаққиқони хориҷӣ, дар кор ба таҳқиқоти муҳаққиқони ватанӣ бештар таваҷҷуҳ мешуд.

4. Дар феҳристи адабиёт баъзан, аз як муаллиф номгӯйи манобеъ то 15 адад оварда мешавад ва хронология он ҳам риоя намешавад (с. 183,184, 186,187, 199, 200), дар ҳоле, ки дар дохили диссертатсия бештари онҳо истифода нашудаанд.

5. Дар саҳифаҳои гуногуни диссертатсия хатоҳои имлоӣ, китобатӣ ва услубӣ (с.7, 8, 18, 32, 48, 49, 64, 69, 79, 74, 82, 117, 118, 122, 137, 163 ва ғайраҳо) ба назар мерасанд.

6. Дар саҳифаи унвонӣ ва дохили автореферати кор номи кафедрае, ки кор дар он анҷом пазируфтааст, дар шакли мухталиф зикр ёфтааст: “Диссертатсияи дар кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода иҷро шудааст” (саҳ. 2). Саҳ. 4: “ба мавзуъҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи назария ва амалияи Донишгоҳи байналмилалии давлатии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода мутобиқат мекунад”. Саҳ. 7: “Диссертатсияи дар маҷлиси кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи байналмилалии давлатии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода”.

Дар ниҳоят бояд зикр намуд, ки эроду камбудиҳои мазкур мазмуну муҳтаво ва арзиши илмии кори диссертатсиониро коҳиш намедиҳанд ва ислоҳи онҳо имконпазир аст.

**Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия.** Муҳтавои асосии диссертатсия дар 12 мақола, аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии

тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра натиҷаҳои диссертатсияро фаро мегиранд. Теъдоди маводди чопшудаи диссертант ба талаботи банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Зулфониён Раҳим Раҷабзода ба талаботи бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Сохтори ягона ва низоми мантиқии рисола гувоҳ аст, ки рисола аз ҷониби муаллиф мустақилона таълиф шудааст. Бахусус, мулоҳизаҳои шахсӣ, масъалагузорӣ ва истифода аз равишҳои илмӣ, ки дар кор дида мешавад, нишондиҳандаи саҳми шахсии муаллиф мебошад.

Автореферати диссертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мазмуну мундариҷаи корро пурра инъикос намуда, ба талабот ҷавобгӯ аст.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Зулфониён Раҳим Раҷабзода дар мавзуи “Таҳқиқи луғавию маъноӣ ва сохтории номвожаҳои ҷуғрофии минтақаи Панҷакент” таҳқиқоти илмии бaанҷомрасида буда, ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, инчунин, ба шиносномаи ихтисос мутобиқат дошта, муаллифи он Зулфониён Раҳим Раҷабзода сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 15-уми декабри соли 2023, протоколи №4 муҳокима гардида, бар мабнои талаботи бандҳои 71 ва 72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, таҳия гардидааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 12 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ:

"ҷонибдор" - 12 нафар;

"муқобил" - нест;

"бетараф" - нест.

Протоколи № 4 аз 15-уми декабри соли 2023.

**Раиси ҷаласа**:
**Мудири кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ, номзади илми филология, дотсент** **Шерализода Адолат Шералӣ**

**Ташхисгар:**
**дотсенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ, доктори фалсафа аз рӯйи ихтисоси филология** **Холназаров Руҳулло Муҳаммадович**

**Котиб: доктори фалсафа аз рӯйи ихтисоси филология, дотсент** **Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевич**

**«Имзоҳои Шерализода А., Холназаров Р. ва Ш. Юсуповро тасдиқ мекунам» - сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ** **Мустафозода Абдукарим**

**Нишонӣ: 734003, ш. Душанбе,**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 121**
**Почтаи электронӣ: info@ tgpu.tj**
**WWW: www.tgpu.tj**
**Тел.:+992 (37) 224 13 83**

"15" **декабри соли 2023**

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС